# СУРАТМАҶЛИСИ №35

14 октябри соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзоёни Шуро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзоёни Шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Шунидани хулосаи комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи «Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Азиззода У.А., аъзоёни комиссияи экспертӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Назаров А.Қ. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Давлатзода К.Д. баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи «Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон;

– **Сафарзода Ҳаёт Сайдамир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» (ш. Душанбе), таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат, иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 23 декабри соли 2023, соати 10:00 таъин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд: якдилона.**

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**